*ТДУ 351(575.3)*

**МЕТОДИ МУАЙЯНКУНӢ ВА МОДЕЛИ ТАШАККУЛИ ВАЗИФАҲОИ ИДОРАКУНИИ СУБЪЕКТИ ИДОРАКУНӢ**

***Ҳусейнова Мавзуна Ворисҷоновна,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**МЕТОД ОПРЕДЕЛЕНИЯ И МОДЕЛЬ ФОРМИРОВАНИЯ УПРАВЛЕНЧЕСКИХ ЗАДАЧ СУБЪЕКТА УПРАВЛЕНИЯ**

***Хусейнова Мавзуна Ворисджоновна,*** *к.э.н, доцент кафедры управления экономикой и маркетинга ГОУ «ХГУ им. акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

**METHOD OF DETERMINING AND MODEL OF FORMATION OF MANAGEMENT TASKS OF A MANAGEMENT ENTITY**

***Huseynova Mavzuna Vorisjonovna***, *Candidate of Economical Sciences, Associate Professor of the Department of Economics Management and Marketing, SEI «KhSU named after acad. B. Gafurov (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *mavzuna_1977@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *метод, сохтори ташкилии идоракунӣ, субъекти идоракунӣ, вазифаҳои идоракунӣ, модели муайян кардани вазифаи идоракунӣ.*

*Иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ масъалаҳои марбут ба ташкил ва идоракунии самарабахши иқтисодиёти минтақавиро баррасӣ менамояд. Вазифаи муҳимми имрӯза фароҳам овардани шароити зарурӣ барои баланд кардани шиддатнокии афзоиши иқтисодӣ ва мутаносибан баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад, ки дар назди мақомоти ҳокимияти давлатӣ меистад. Мақола ба ҳалли вазифаи мазкур бахшида шудааст, ки зарурияти сохторсозии дастгоҳҳои зинаҳои гуногуни идоракуниро пешниҳод мекунад. Ҳангоми тағйирот дар сохтори идоракунии иқтисодиёт, ҳам дар кишвар ва ҳам дар минтақаҳо эҳтиёҷ ба шакли яклухт, аз ҷиҳати сохтор ба иҷтимоиёт нигаронидаи ташкили идоракунии иқтисодиёти минтақа ба миён меояд, ки тағйироти низомҳои ҳам иқтисодӣ ва ҳам ҷамъиятиро ба ҳисоб гирифта бошад. Масъалаи идоракунии вазъияти иқтисодиро таҳлил намуда, тариқи баррасии ҳаматарафаи фаъолияти мақомоти идоракунӣ ба беҳтар кардани шароити дохилии амалкарди минбаъдаи минтақа таваҷҷуҳ бояд кард.*

***Ключевые слова:*** *метод, организационная структура управления, предмет управления, задачи управления, модель определения задачи управления.*

*Современная экономика Республики Таджикистан в период перехода к рыночной экономике рассматривает вопросы, связанные с организацией и эффективным управлением региональной экономикой. Важная задача сегодняшнего дня – обеспечить необходимые условия для повышения интенсивности экономического роста и, соответственно, повышения уровня жизни населения, что озадачивает органы государственной власти. Статья посвящена решению данной задачи, что предполагает необходимость структурирования аппаратов разных уровней управления. При изменении структуры управления экономикой как в стране, так и в регионах, возникает необходимость в комплексной, социально ориентированной структуре управления региональной экономикой, учитывающей изменения как в экономической, так и в социальной системе. Проанализировав вопрос управления экономической ситуацией, необходимо обратить внимание на улучшение внутренних условий дальнейшего функционирования региона посредством комплексного анализа деятельности органов управления.*

***Key words:*** *method, organizational structure of management, subject of management, management tasks, model for determining the management task.*

*The modern economy of the Republic of Tajikistan in the period of transition to a market economy considers issues related to the organization and effective management of the regional economy. An important task of today is to provide the necessary conditions for increasing the intensity of economic growth and, accordingly, raising the standard of living of the population, which is facing government bodies. The article is devoted to solving this problem, which implies the need to structure the apparatuses of different levels of management. When changing the structure of economic management both in the country and in the regions, there is a need for a comprehensive, socially oriented structure for managing the regional economy, taking into account changes in both the economic and social systems. Having analyzed the issue of managing the economic situation, it is necessary to pay attention to improving the*

*internal conditions for the further functioning of the region through a comprehensive analysis of the activities of government bodies.*

Дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба ташкил, сохторбандӣ ва идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад..

Вазифаи меҳварии имрӯза таъмини шароити зарурӣ барои баланд бардоштани шиддатнокии вусъати иқтисодӣ ва мувофиқан баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мебошад, ки дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ меистад. Вазифаи мазкур такмил ва рушди сохторсозии дастгоҳҳои зинанизоми ҳамаи сатҳҳои идоракуниро талаб мекунад. Ин такмилдиҳӣ бо роҳи таъмини азнавсозии комплексии шаҳрҳову ноҳияҳо, ки бо идоракунии протсессҳои ташкилию иқтисодӣ дар ҳудудҳои тобеъ зич алоқамананд, бо назардошти мунтазам такмил додани функсияҳои сохтории мақомотҳои идоракунии минтақавӣ ифода меёбад.

Тағйирот дар сохтори идоракунии иқтисодиёт, дар кишвар ва ҳам дар минтақаҳо эҳтиёҷотро ба шакли яклухтро ба миён меорад. Он аз ҷиҳати сохтор ба иҷтимоиёт нигаронидашудаи ташкили идоракунии иқтисодиёти минтақаро бо дарназардошти тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятиро пешбинӣ менамояд.

Ба андешаи мо, вазифаи ислоҳоти иқтисодиёт, баланд бардоштани дараҷаи самаранокии он аст, ки афзоиши устувори некӯаҳволии аҳолиро таъмин ва дар ин асно, ҳадафҳои ислоҳотҳои иқтисодиро дар мувофиқа бо захираҳои мавҷуда муқаррар карда тавонад.

Таҳлили масъалаи идоракунии вазъияти иқтисодиро тавассути баррасии ҳаматарафаи фаъолияти мақомоти идоракунӣ таҳлил намуда, ба такмили шароити дохилии амалкарди дурнамои минтақа таваҷҷуҳ бояд намуд.

Ба андешаи муҳаққиқон дар марҳалаи муосири иқтисодиёти бозоргонӣ, рушди иқтисодиёт ва усулҳои идоракунӣ ба фаъолияти сохторҳои ташкилии мақомоти идоракунӣ таъсири бевосита мерасонад. Бо тағйирёбии ҳадафу вазифаҳои фаъолияти мақомоти идоракунӣ, методҳо ва сатҳи қабули қарорҳо, зарурият ба тахассусмандии кормандони алоҳида ва зершуъбаҳо ё ин ки баръакс, таҷдид ва густариши доираи вазифаҳои онҳо ба миён меояд. Усулҳо ва дидгоҳҳои методологии созмондиҳии сохторҳои ташкилии идоракунӣ, ки дар давраи низоми мутамарказии идоракунӣ коркард шудаанд, мхолифи шароити имрӯза мебошанд.

Дар тадқиқи инкишофи сохтори ташкилии идоракунӣ ва назарияи муосири рушди минтақа олимон А.Г. Гранберг, В.К. Егоров, А. Файол, Л.И. Абалкин, И.Л. Ким, Н.П. Федоренко, Б.З. Милнер, А.Р. Лейбкинд, А.А. Модин, Б.А. Лагоша, Д.В. Шопенко, Ю.А. Юшина, Л.И. Евенко, А.В. Тихомирова ва дигар иқтисодчиёни хориҷӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Корҳои тадқиқотии олимони ватанӣ А.Х. Авезов, Ф.Х. Азизов, Г.Д. Джурабоев, А.Л. Қодиров, С.Д. Комилов, А. Мирсаидов, Р.К. Рахимов, Р. Саидмуродов, М. Саидов ва дигарон ба масъалаҳои такмил ва коркарди асосҳои методологии сохторҳои ташкилии идоракунӣ ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Ба андешаи мо вазифаи муҳиме, ки дар марҳилаи пешистода дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ истодааст, ин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои афзоиши пуршиддати пешрафти иқтисодӣ ва мутаносибан баланд шудани сатҳи некӯаҳволии мардум мебошад, ки иҷрои он дар сурати таъсис додани аппаратҳои сатҳҳои гуногуни идоракунӣ – ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ имконпазир аст.

Қобили зикр аст, ки мавҷуд надоштани схемаи муайяни ҳамбастагиву ҳамкории байни сатҳҳои идоракунӣ таҳлили протсесси амалкард ва рушди вилоят, инчунин тадқиқи ташкили идоракуниро дар сатҳи минтақавӣ асоснок менамояд.

Ҳангоми ташаккулёбӣ ва такмил ёфтани сохторҳои ташкилии идоракунии иқтисодиёти минтақа унсурҳои созмондиҳанда ва фазои нишонаҳои онҳо мавқеи асосиро дар самти таҳқиқшаванда мебозанд. Вазифаҳои идоракунӣ ба сифати унсурҳои созмондиҳанда интихоб гардидаанд, ки ба зершуъбаҳои мушаххаси сохтори идоракунии иқтисодиёти минтақа тааллуқ доранд [7].

Ҳамзамон амсилаи муайян кардани вазифаи идоракунӣ пешниҳод мешавад, ки мазмунан тавсифи вазифаро ба сифати кори мустақилонаи идоракунӣ ва муайянкунии маҷмуи вазифаҳои идоракуниро бо объектҳои мушаххаси истеҳсолию ҳоҷагидориро имконпазир мегардонад. Чун дар ҳамагуна аппарати идоракунӣ, дар раванди идоракунии иқтисодиёти минтақа вазифаҳои анъанавии идоракунӣ иҷро мешаванд, чунончи: ташкил, банақшагирӣ

(пешгӯӣ, тарҳрезӣ, барномарезӣ), ҳамоҳангсозӣ (танзим), ҳавасмандкункӣ (фаъолгардонӣ, таҳрикбахшӣ), назорат, бақайдгирӣ ва ғ. Пас, зарурияти муайян кардани вазифаҳои идоракунӣ ҳамчун шаклҳои татбиқи функсияҳои идоракунӣ ба миён меояд. Чунин шакли ҳамбастагӣ тавассути амсилаи чорченака ифода карда мешавад:

$$\alpha_l = \{x_i, y_j, z_t, f_r\} \quad (1)$$

ки параметрҳо ба

$x_i$ – навъҳои техникию иқтисодии фаъолияти идоракунӣ;

$i \epsilon \{1, \dots, I\}$; $y_j$ – натиҷаҳои фаъолияти идоракунӣ;

$j \epsilon \{1, \dots, J\}$; $z_t$ – соҳаҳои истеҳсолию хоҷагидорӣ ва иқтисодии идоракунӣ;

$t \epsilon \{1, \dots, T\}$; $f_r$ – объекти истеҳсолию хоҷагидорӣ ва ҳалқаҳои он $r \epsilon \{1, \dots, R\}$ мувофиқат мекунанд.

Вазифаҳои идоракунӣ ҳамчун омезиши имконпазири ин чор параметр ташкил карда мешаванд. Амсилаи пешниҳодшуда барои сохторсозии унсурҳои сохтори идоракунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд пешниҳод карда шуд.

Ба сифати мафҳумҳои калидии назарияи декомпозитсия андозаи алоқамандии объектҳо дар сурати мавҷудияти маҷмӯи нишонаҳо, ки наздикии онҳоро муайян намудааст, истифода шудааст. Тибқи ин корбаст баҳогузории ғайримустақими самаранокии сохтори бонизом ҳангоми оптимизатсияи сохторҳои ташкилии идоракунӣ таъмин мегардад [11].

Дар тадқиқот бо мақсади муайян намудани андозаи наздикӣ методи Тонимото – Дойл истифода шудааст:

$$c_{ij} = \frac{R_{IJ}}{R_I + R_J - R_{IJ}} \quad (2)$$

$R_I$, $R_J$ - миқдори нишонаҳои мутаносибан хос ($\rho_{it} = 1$) дар масъалаи $i$. $i \in N$, $t \in m$;

$R_{IJ}$ - миқдори нишонаҳое, ки мутаносибан соҳиби ифодаи 1 ва 1 дар масъалаҳои $i$ ва $j$ мегарданд.

Асоснокии интихоб дар усули болоӣ дар он аст, ки нишонаҳое, ки хоси ҳар ду унсуранд, ҳангоми муайянкунии андозаи наздикӣ ба назар гирифта шуда, дар ҳолати набудани нишонаҳои якхела инкор карда мешаванд.

Усули болоии муайянкунии феҳрасти вазифаҳои идоракунӣ барои муайян намудани маълумоти базавии тарҳрезӣ дар тадқиқот мусоидат кардааст.

Вазифаҳои идоракунии зерин ба сифати нишонаҳои иқтисодию ташкилии декомпозитсияи интихоб шудаанд:

- навъҳои фаъолияти идоракунӣ;
- функсияҳои идоракунӣ;
- соҳаи техникӣ ва иқтисодии фаъолияти идоракунӣ;
- объекти истеҳсолӣ ва хоҷагидории идоракунӣ (дар он вазифаи татбиқшаванда мувофиқ аст).

Матритсаи вазифаҳои идоракунӣ ва нишонаҳои иқтисодию ташкилӣ чунин аст:

***Ҷадвали 1.***

| № | Вазифаҳои идоракунӣ | Нишонаҳои иқтисодӣ - ташкилӣ | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | … | J | … | … | N |
| 1. | Вазифаи 1 | $p_{11}$ | $p_{12}$ | … | $p_{1j}$ | … | … | $p_{1n}$ |
| 2. | Вазифаи 2 | $p_{21}$ | $p_{22}$ | … | $p_{2j}$ | … | … | $p_{2n}$ |
| … | | | | | | | | |
| i | Вазифаи i | $p_{i1}$ | $p_{i2}$ | … | $p_{ij}$ | … | … | $p_{in}$ |
| … | … | … | … | … | … | … | … | … |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| … | … | … | … | … | … | … | … | … |
| m | Вазифаи m | $p_{m1}$ | $p_{12}$ | … | $P_{mj}$ | … | … | $P_{mn}$ |

$P_{ij}=0$ ё $P_{ji}=1$- қайди нишонаҳои мавҷуда ва вуҷуд надошта (мутаносибан ҳамчун 1 ва 0).

***Ҷадвали 2.* Матритсаи душвории вазифаҳои идоракунӣ дар зернизомҳо**

| № | Вазифаҳо и идоракунӣ | Зернизомҳо (дар сохтор) | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | … | J | … | … | V |
| 1. | Вазифаи 1 | $z_{11}$ | $z_{12}$ | … | $z_{1j}$ | … | … | $z_{1v}$ |
| 2. | Вазифаи 2 | $z_{21}$ | $z_{22}$ | … | $z_{2j}$ | … | … | $z_{2v}$ |
| … | … | … | … | … | … | … | … | … |
| i | Вазифаи i | $z_{i1}$ | $z_{i2}$ | … | $z_{ij}$ | … | … | $z_{iv}$ |
| … | … | … | … | … | … | … | … | … |
| … | … | … | … | … | … | … | … | … |
| m | Вазифаи m | $z_{m1}$ | $z_{12}$ | … | $z_{mj}$ | … | … | $z_{mv}$ |

Тибқи натиҷаҳои таҳлилӣ, бо дарназардошти нуқтаи назари мутахассисони объекти таҳқиқшаванда маҳдудияти $P_{iv}=7$ дар сатҳи шуъбаҳо ва $P_{iv}=3$ дар сатҳи идораҳо (зершуъбаҳо) қабул гардид.

Дар ҷадвали 2 матритсаи меҳнатталабӣ ва дараҷаи душвории вазифаҳои идоракунӣ $z_{ij}$, инчунин зермаҷмуи V оварда шудааст.

Шумораи умумии ҳайати кормандон бо дарназардошти меҳнатталабии умумии иҷрои вазифаҳо дар зернизомҳо муайян карда мешавад, агар

- меҳнатталабии умумӣ $T_v$ ,
- ҳалли i-то масъалаҳои идоракунӣ, j-тои зермаҷмуаҳо аз рӯи формулаи зерин муйян мегардад[6]:

$$T_v = (\sum_{i=1}^{m}\sum_{j=1}^{v} Z_{ij}) * \alpha_i \quad (3)$$

ин ҷо $\alpha_i$- коэффитсиентеро, ки қисмати корҳои бо васоити муосири иттилоотию ҳисоббарории коркарди маълумот (барои ҳалли i масъала дар як сол) иҷро мешаванд, ифода мекунад.

Дар заминаи маълумотҳои базавии ба даст овардашуда, силсилаи ҳисобкуниҳо дар доираи амсилаи декомпозитсионӣ бо мақсади ташаккулдиҳии сохтори идоракунии иқтисодиёти минтақа гузаронида шуданд. Ҳисобкуниҳои гузаронидашуда бо нишонаҳои истифодашавандаи иқтисодӣ-ташкилӣ ва параметрҳои маҳдудияти интихобшудаи $P_{1v}$, $P_{2v}$ фарқ мекарданд.

Сохтори гурӯҳҳои декомпозитсионӣ бо меҳнатталабии вазифаҳо маҳдуд буданд, ки ба тақсимоти вазифаҳо байни иҷрокунандагон аз тарафи як мутахассис ҳалшаванда (яъне $P_{1v} \leq 1$ одам/сол) мутобиқ ва барои ташкили шуъбаҳои идоракунӣ заруранд. Ҷудокуниҳои ҳосилшуда ҳамчун унсурҳои сохторсози декомпозитсияи минбаъда бо мақсади ташаккули шуъбаҳои идоракунандаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо назардошти маҳдудияти додашуда қабул карда шуданд. Ҷудокунии ҳосил карда шуда ба сифати унсурҳои сохторсози тақсимоти минбаъда қабул карда мешаванд. Ҷуфти минбаъдаи тақсимот имконияти муайян кардани зинанизоми минбаъдаи сохтори идоракунӣ ҳамчун идоракуниҳо ва тобеияти онҳо, ки ба муовинони сардор мувофиқанд медиҳад [3, с. 84-91].

Ҳамин тавр, раёсатҳо ва шуъбаҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ташаккул ёфта, дар мавриди баъзе аз гурӯҳҳо бошад, номувофиқатии вазифаҳои идоракунӣ ва ихтилофҳои назаррас, ки тибқи ҳисобкунии мавҷуда ҳосил шудаанд, вуҷуд доранд. Тафовут дар маҷмӯъ 28%-буда, на ҳамаи пешниҳодҳо оиди такмилдиҳӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд қабул карда шуданд. Натиҷаҳои ҳисобкуниҳои қабулшуда барои такмили сохтори мавҷудаи ташкилии идоракунӣ 11%-ро ташкил доданд. Тафовут дар муқоиса ба сохтори мавҷудаи идоракунӣ ба зернизомҳои 15 ва 16 дида шуда, ин зернизомҳо ба шуъбаи иттилоот ва таҳлил ва шуъбаи назорат тааллуқ доранд.

Дар пешбурди ҳама гуна минтақа роҳ надодан ба хавфҳо ё кам кардани онҳо, ки дар раванди фаъолияти аппарати идоракунӣ ба миён омаданашон аз эҳтимол дур нест, яке аз вазифаҳои афзалиятнок буда, рушди устувори иқтисодиёт, афзудани ҷолибият барои маблағгузориҳо ва ғ. ҳаллу иҷрои онро таъмин менамояд. Дар ин асно, тибқи натиҷаҳои ҳосилшудаи моделиронӣ ва дарназардошти муайян кардани вазифаҳои хавфҳо дар идоракунӣ, ташкили шуъбаи назорат ва идоракунии хавфҳо тавсия карда мешавад.

Гузашта аз ин, тибқи натиҷаҳои моделиронӣ васеъ кардани шуъбаи иттилоот ва таҳлил тариқи ҳамроҳ намудани вазифаҳои марбут ба масъалаҳои инкишоф додани ҳокимияти электронӣ тавсия дода шуданд.

Мақола ба масъалаи муҳими тарҳрезии ташаккули сохтори ташкилии идоракунии иқтисодиёти минтақа бахшида шуда, натиҷаҳои илмӣ ва амалии таҳқиқоти гузаронидашуда, имкони пешниҳоди хулосаҳои зеринро ба миён меорад:

- усули муайянкунӣ ва модели ташаккули вазифаҳои идоракунӣ ба мо имкон медиҳанд, ки вазифаро ҳамчун кори мустақилонаи идоракунӣ ва маҷмуи вазифаҳои идоракуниро барои субъекти мушаххаси идоракунӣ ба таври назаррас тавсиф намоем.

- самтҳои асосии такмил додани сохтори ташкилии идоракунии иқтисодиёти минтақа ҳамчун падидаи комплексие, ки дар таъсири мутақобилаи онҳо зернизомҳои намудҳои гуногун дар ҳамкорӣ иштирок мекунанд, муайян карда шуданд. Ин самтҳо бо мақсади оптимизатсияи раванди мутақобилаи сохтори ташкилии мақомоти идоракунии минтақа, мутамарказсозӣ ва ғайримарказӣ намудани вазифаҳои идоракунӣ, тақсимоти оқилонаи онҳо байни воҳидҳои сохторӣ ва иҷрокунандагони алоҳида таҳлил карда шуданд.

- тавсия дода шудааст, ки:

а) дар заминаи шуъбаи назорат «шуъбаи назорат ва идоракунии хавфҳо» ташкил;

б) ба уҳдаи «шуъбаи иттилоот ва таҳлил» вазифаҳои марбут ба масъалаҳои инкишофи ҳукумати электронӣ вогузор карда шаванд.

Тадқиқоти масъалаи ислоҳоти мухталифе, ки бо ҳам алоқамананд: иқтисодӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ-идоравӣ, нишон медиҳад, ки зарурати шакли ягонаи ташкилии аз ҷиҳати иҷтимоӣ сохтории идоракунии иқтисоди минтақавӣ мавҷуд аст, ки тағйиротҳоро ҳам дар системаҳои иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоиро ба назар мегирад.

**АДАБИЁТ:**


1. Губко М.В., Коргин Н.А., Новиков Д.А. Классификация моделей анализа и синтеза организационных структур // Управление большими системами. 2004. Вып.6. - С.5-21.
2. Байриев Б.С., Лагоша Б.А. Оптимизация структур управления. Ашхабад: Ылим,1985
3. Вахобов А.А., Хусейнова М.В. Модели процесса организационного проектирования предприятий // М.В.Хусейнова., Ученые записки, ГОУ «ХГУ имени Б. Гафурова», серия естественные и экономические науки, Худжанд 2023, №1(64). – С. 84-90.
4. Веселовский А.В., Кадыров А.Л. Оптимизация структуры пунктов сбора информации САЦНТИ//Моделирование экономических процессов. М.: МЭСИ, 1984.
5. Воронин А.А., Губко М.В. Мишин С.П., Новиков Д.А. Математические модели организаций. - М.: ЛЕНАНД, 2008. - 360 с.
6. Глущенко В.М., Елизаров В.С. Построение математических моделей организационных структур региональных органов исполнительной власти, «Практика и механизмы управления экономикой региона», - М., 2015.
7. Кадыров А.Л. Модели организационных структур управления национальной экономики. – Худжанд: Иттифок, 1999.

8. Лагоша Б.А. Модель формирования производственной структуры промышленного объединения // Количественные методы анализа и синтеза структур организационных систем. - М.: МНИИПУ, 1983.
9. Лагоша Б.А., Саидов М. О построении организационной структуры управления крупным территориально-производственным комплексом // Экономика и мат. методы. 1985. Т.21, вып.5.
10. Лейбкинд А.Р., Рудник Б.Л. Моделирование организационных структур. - М.: Наука, 1981.
11. Лейбкинд А.Р. Математические методы в проектировании организационных структур управления. – М.: ВНИИСИ, 1990.

**REFERENCES:**

1. Gubko M.V., Korgin N.A., Novikov D.A. Classification of models of analysis and synthesis of organizational structures // Management of large systems. 2004. Issue 6. - P.5-21.
2. Bayriev B.S., Lagosha B.A. Optimization of management structures. Ashgabat: Ylim, 1985
3. Vakhobov A.A., Khuseynova M.V. Models of the process of organizational design of enterprises // M.V. Khuseynova., Scientific notes, State Educational Institution «KhSU named after B. Gafurov», series natural and economic sciences, Khujand 2023, No. 1 (64). - P. 84-90.
4. Veselovsky A.V., Kadyrov A.L. Optimization of the structure of information collection points of the SACNTI // Modeling of economic processes. M.: MESI, 1984.
5. Voronin A.A., Gubko M.V. Mishin S.P., Novikov D.A. Mathematical models of organizations. - M.: LENAND, 2008. - 360 p.
6. Glushchenko V.M., Elizarov V.S. Construction of mathematical models of organizational structures of regional executive bodies, «Practice and mechanisms of regional economic management», - M., 2015.
7. Kadyrov A.L. Models of organizational structures for national economy management. - Khujand: Ittifok, 1999.
8. Lagosha B.A. Model of formation of production structure of industrial association // Quantitative methods of analysis and synthesis of structures of organizational systems. - M.: MNIIPU, 1983.
9. Lagosha B.A., Saidov M. On the construction of an organizational management structure for a large territorial-production complex // Economics and mathematical methods.1985. Vol. 21, issue 5.
10. Leibkind A.R., Rudnik B.L. Modeling organizational structures. - M.: Nauka, 1981.
11. Leibkind A.R. Mathematical methods in designing organizational management structures. - M.: VNIISI, 1990.